“ТАДИҚ МЕКУНАМ”
**Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саидзода И.Ҳ.**

_______________________________

«___13___» ______ноябри______ 2023

# ХУЛОСАИ
# МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи “Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Унвонҷӯ соли 2019 бо ихтисоси таъри ва ҳуқуқ, факултети таърих ва педагогикаи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ва соли 2021 магистр бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистонро хатм намудааст, айни замон ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ва ҳамзамон унвонҷӯйи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мавзуи диссертатсияи ӯ бо қарори Шурои олимони Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2022 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмӣ: Азиззода Убайдулло Абдулло - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва

ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Рисолаи мазкур дар ҷаласаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 октябри соли 2023, тахти №1 ба ҳимоя тавсия шудааст.

Воқеан дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ зарурати таҳкими волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ нақши ҷавобгарии ҳуқуқӣ меафзояд. Он яке аз шарту меъёрҳои самаранокии таъсири ҳуқуқӣ мегардад, ки проблемаҳои он дар маркази таваҷҷуҳи олимон ва донишмандон қарор дорад.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ институти муҳими ҳар як низоми ҳуқуқӣ буда, ҳамчун кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд хизмат мекунад ва яке аз аломатҳои муҳиме мебошад, ки ҳуқуқро ҳамчун танзимгари зарурии муносибатҳои ҷамъиятӣ тавсиф медиҳад

**Муҳимияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад**, ки ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд зарурати аз нав дида баромадани проблемаҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба миён меорад. Таърифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки дар илми ҳуқуқи ватанӣ ба таври васеъ истифода мешавад, яке аз воқеияти (зуҳуроти) бунёдии ҳуқуқӣ мебошад, ки дар танзими механизми ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад.

Татбиқ ва амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, сатҳи қонуният ва ҳолати тартиботи ҳуқуқӣ, сифати меъёрҳои ҳуқуқиро нишон медиҳад, ки дар ниҳоят самаранокии тамоми низоми ҳуқуқро бозгӯ менамояд. Аммо доираи масъалаҳое, ки ба мақсадҳо, принсипҳои он ва шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ алоқаманданд, ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки раванди нав дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ боиси тағйироти проблемаҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ гардида, ба методҳо, принсипҳо ва шаклҳои амалишавии онҳо таъсир мерасонанд,

ки бояд бо назардошти ҳадафмандии иҷтимоии қонунҳо ва таҳкими кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мувофиқат намояд.

Амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва дар сатҳи зарурӣ дар амал татбиқ намудани онҳо аз сатҳу сифати қонунҳо ва иҷроиши онҳо вобастагии калон дорад. Дар ин хусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 23 декабри соли 2022 изҳор намудаанд, ки: «Рушди устувор ва босуръати мамлакат, махсусан амалӣ намудани стратегияҳо, барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуҳлати кишвар тақозо менамояд, ки заминаҳои ҳуқуқии онҳо сари вақт ва босифат таъмин карда шаванд. Ин вазифа аз мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, пеш аз ҳама, аз парламенти кишвар талаб менамояд, ки фаъолияти худро ҳамаҷониба тақвият бахшад. Вазифаҳои дар назди мо қарордошта тақозо менамоянд, ки фаъолияти Маҷлиси Олӣ ҷиҳати қабули қонунҳои саривақтии мукаммал ва босифат боз ҳам тақвият бахшида шавад».

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ** омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, асосҳои таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, таҳияи пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва тавсияҳо оид ба такмили қонунгузорӣ иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасии илмии вазифаҳои зерин зарур мебошанд:

– таҳқиқи мафҳум ва хусусиятҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ;

– муайян кардани таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ;

– омӯзиши мафҳуми шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ;

– таҳлили шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ;

– баррасии амалисозии функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ;

– баррасии амалисозии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ;

– баррасии амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ;

– таҳқиқи пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ҳамчун шакли амалисозии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ;

– баррасии амалисозии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии диссертатсияро ғояҳо ва андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, ки ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Дар таҳияи диссертатсияи мазкур муаллиф ба осори илмии А.А. Абдурашидов, У.А. Азиззода, Г.С. Азизқулова, З. Ализода, С.С. Алексеев, А.А. Анфёров, Б.Т. Базилев, М.А. Бестугина, М.С. Богданова, П.А. Варул, Т.Т. Дубинин, И.Э. Звечаровский, З.Х. Зокирзода, Ш.М., Исмоилов, А.А. Иванов, Д.Н. Кархалев, А.З. Куканов, Д.А. Липинский, И.А. Лумпова, М.А. Маҳмудов, А.С. Мордоветс, М.Г. Мелкумян, Э.С. Насриддинзода, А.И. Петелин, Т.Н. Радко, О.Э. Раҳмон, М.З. Раҳимзода, Л.Б. Смирнов, И.Н Тихоненко, М.П. Трофимова, Р.Л. Хачатуров, А. Ходжиев, С. Ҳасанов, А.П. Чирков, Р.Ш. Шарофзода, Т.Ш. Шарипов ва дигарон такя кардааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, усулҳои диалектика, мантиқӣ-забонӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, давлатӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар диссертатсия васеъ истифода гардидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Муаллиф дар таҳқиқоти худ андешаҳои илман асоснокро оид ба мафҳум, тасниф ва шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешниҳод кардааст, ки навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил

медиҳад. Хулосаҳо ва нуктаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд, ки онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: – таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқии мафҳум ва хусусиятҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шуда, дар натиҷа мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои онҳо муайян гардидааст; – таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, муайян гардидаанд; – омӯзиши мафҳуми шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шуда, дар натиҷа мафҳуми он пешниҳод гардидааст; – шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳлил гардида, махсусиятҳои онҳо дар қонунгузории кишвар муайян карда шудааст; – функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, амалисозии он дар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории миллӣ муайян гардидааст; – амалисозии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, хусусиятҳои он дар ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва маданӣ тибқи қонунгузории кишвар муайян гардидааст; – амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, тарзҳои ҳифзи он тавассути намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории миллӣ муайян гардидааст; – пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ҳамчун шакли амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, асосҳои ҳуқуқӣ, субъектон ва чораҳои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ муайян карда шудааст; – амалисозии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, муайян шудааст, ки дар қонунгузории соҳавии кишвар вобаста ба намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи тарбиявӣ ҳамчун функсияи асосӣ ба ҳисоб меравад.

**Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ** унвонҷӯ, 2 воситаи таълимӣ, 18 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба нашр расонидааст, аз он ҷумла:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1–М]. Алиев, И.И. Оид ба баъзе масъалаҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). –2022. – № 4 (48). – С. 186-193. ISSN 2410-2903.

[2–М]. Алиев, И.И. Масъалаҳои асосии мақсади ҷазо дар сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.И. Алиев, З.Х. Зокирзода, Д.С. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №6. – С. 218-225. ISSN 2413-5151.

[3–М]. Алиев, И.И. Функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев, У.А. Азиззода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №4(28). – С. 98-101. ISSN 2414 9217.

[4–М]. Алиев, И.И. Пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ҳамчун шакли амалисозии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев, З.Х. Зокирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №2. – С. 250–255. ISSN 2413-5151.

[5–М]. Алиев, И.И. Шаклҳои амалисозии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев, З.Х. Зокирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №3. – С. 213-219. ISSN 2413-5151.

[6–М]. Алиев, И.И. Мафҳуми шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2023. – № 3 (51). – С. 164-170. ISSN 2410-2903.

[7–М]. Алиев, И.И. Шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев // Паёми Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №8. – С. 241-251. ISSN 2413-5151.

[8–М]. Алиев, И.И. Амалисозии функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №9. – С. 234-243. ISSN 2413-5151.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

[9–М]. Алиев, И.И. Реализация принсипа презумпции невиновности на досудебных стадиях [Текст] / И.И. Алиев // Муҳаққиқ (маҷаллаи илмӣ). – 2020. – № 3(48). – С. 94-96.

[10–М]. Алиев, И.И. Презумпция невиновности в системе уголовного судопроизводсва [Текст] / И.И. Алиев // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2020. – №3(3). – С. 59-61.

[11–М]. Алиев, И.И. Оид ба вижагиҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯён бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» (18-23 апрели соли 2022). – Рашт. – 2022. – С. 33-35.

[12–М]. Алиев, И.И. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ: мафҳум ва моҳияти он [Матн] / И.И. Алиев // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2022. – №1(9). – С. 108-114.

[13–М]. Алиев, И.И. Мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев // Асосҳои таҳкими истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ. ш. Душанбе, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ 9 марти соли 2022. – С. 215-233.

[14–М]. Алиев, И.И. Компенсационная функция юридической ответственности в соотношении с компенсацией морального вреда [Текст] / И.И. Алиев, З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Международной

научно-практической конференции экономика и право в России и мире, 1 ноября 2022 года в г. Петрозаводск. – Петрозаводск, 2022. – С. 73-79.

[15–М]. Алиев, И.И. Функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев // Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз. Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (9 декабри соли 2022) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 372-379.

[16–М]. Алиев, И.И. Ҷуброн намудани зарар ҳамчун функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев // Материалы международной научной-практической конференции "Таджики в зеркале история", посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова (27 октября 2023 года). Часть I. ( право, экономика). –Душанбе, 2023. – С. 25-35.

[17–М]. Алиев, И.И. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев // Вестник Науки и Творчества (маҷаллаи илмӣ). – 2023. – №3(85). – Казань, 2023. – С. 34-42.

[18–М]. Алиев, И.И. Шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Алиев // Материалы международной научной-практической конференции «Основые подходы к управлению знаниями в науке и образовании» (за апрель 2023 года). – Казань, 2023. – С. 191-195.

**III. Монография ва воситаҳои таълимӣ:**

[19–М]. Алиев, И.И. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.И. Алиев, З.Х. Зокирзода, М.Н. Раҷабзода, Ф.А. Бобохонов, Н.М. Шодизода ва диг. // Дар зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент З.Х. Зокирзода.– Душанбе: Ашӯриён, 2022. – 256 с.

[20–М]. Алиев, И.И. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.И. Алиев, З.Х. Зокирзода, М.Н. Раҷабзода, С.Д. Муқимов, Н.М. Шодизода ва диг. // Дар зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент М.Н. Раҷабзода.– Душанбе: Ашӯриён, 2023. – 320 с.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ истифода карда шаванд. Таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълими фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, криминология ва ғ. истифода шавад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории соҳавии кишвар, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ, конститутсионӣ ва ғайра метавон хулосаву пешниҳодоти таҳқиқотро вобаста ба масъалаи амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ истифода бурд.

Ҳамин тавр, аз рӯйи ҳолатҳои болозикр, чунин қарор қабул карда шуд:

1. Диссертатсияи Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи “Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талаботҳои бандҳои 31-37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

2. Диссертатсияи мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 20 нафар, “зид” - 0 нафар, “бетараф” - 0 нафар.

Суратмаҷлис аз 20 окбяри соли 2023, №1.

Раисикунандаи ҷаласа:
директори Маркази миллии қонунгузории
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
н.и.ҳ., дотсент Саидзода И.Ҳ.

Котиби ҷаласа: Шеров Ш.З.

Имзои Саидзода И.Ҳ. ва Шеров Ш.З.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори бахши кадрҳо ва коргузории
Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаттоев М.С.

20.10.23

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13. 734024; Телефон: (+992 -37) 227-47-71; (+992 -37) 227 -45-00; Факс: (+992-37) 227-63-64; Email: info@mmk.tj